**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734024, ш. Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13, тел: (+99237) 227-45-00, факс: 227-63-64
www.mmk.tj; E-mail: info@mmk.tj

№ 06/20
аз «11» 01 соли 2023

Бонки миллии Тоҷикистон

Хулоса оид ба лоиҳаи Дастурамал “Оид ба тартиб, муҳлат ва ҳаҷми иттилооту маълумоте, ки аз ҷониби Бюрои таърихи қарз ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод мегардад” ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он

Маркази миллии қонунгузорӣ ҳамчун мақоми ваколатдор лоиҳаи зикргардида ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба онро, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бори аввал пешниҳод гардидааст, мавриди баррасӣ қарор дод.

Бо дарназардошти талаботи банди 19 Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 тасдиқ шудааст ва таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳа, ки аз ҷониби таҳиякунанда пешниҳод шудааст, Маркази миллии қонунгузорӣ хулосаи зеринро пешниҳод менамояд:

1. Тартиби гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби таҳиякунанда – Бонки миллии Тоҷикистон риоя гардидааст.

2. Дар лоиҳа ухдадориҳо барои бюроҳои таърихи қарз вобаста ба пешниҳоди ҳисобот бо тартиб, муҳлат ва ҳаҷми муқарраргардида, инчунин таъин намудани корманди масъул оид ба пешниҳоди ҳисобот, пешбинӣ гардидаанд.

3. Маҳдудиятҳо барои бюроҳои таърихи қарз дар лоиҳа вуҷуд надоранд.

4. Дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, низоми буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон масрафҳои беасос мушоҳида намегардад.

5. Роҳи интихобшуда барои танзими тартиби пешниҳод намудани ҳисобот аз ҷониби бюроҳои таърихи қарз, инчунин танзими фаъолияти таърихи қарз мусоидат менамояд.

6. Иловатан пешниҳод мегардад:

- бандҳои 9 ва 13 лоиҳаи Дастурамал хориҷ карда шаванд, зеро масъалаи мазкур дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз (кредит)” танзим шудааст;
- дар сархати дуюми банди 10 лоиҳаи Дастурамал пас аз калимаи “электронӣ” калимаи “ниҳоӣ” илова карда шавад;
- дар банди 12 лоиҳаи Дастурмал зербанди 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад;

“2. Бонки миллии Тоҷикистон қабул кардани ҳисоботи пешниҳодшударо тасдиқ менамояд.”;

- хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикии дар матни тоҷикӣ ва русии лоиҳа бартараф карда шаванд, аз ҷумла дар матни тоҷикӣ калимаҳои “баъди” ба “баъд аз”, “мақомот” ба “мақом” ва “хатоҳои” ба “хатогиҳои” иваз карда шаванд.

Директор Саидзода И.Ҳ.